СУРАТМАҶЛИСИ № 6
Ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-090

4-уми декабри соли 2025 ш. Хуҷанд

Иштирок доштанд: аз 9 нафар аъзои Шурои диссертатсионии бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 31-уми январи соли 2025, №45/шд тасдиқ гардида, 9 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафар докторони илм ва 4 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод гардид, ки ҷаласа кушода эълон гардад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Набиев Фатҳидин Суҳробович дар мавзуи «Принсипҳои ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назарӣ-амалӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат.

Аз рӯи масъалаи мазкур раиси комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шурои диссертатсионӣ Назарзода Н.Ҷ. ва доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шурои диссертатсионӣ Мирализода И.Қ. ва аъзои комиссияи ташхис номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Обидова М.Н. баромад намуданд (хулосаи комиссияи ташхис замима мегардад).

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Набиев Фатҳидин Суҳробович дар мавзуи «Принсипҳои ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назарӣ-амалӣ», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-090-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– Раҷабзода Равшан Муҳитдин – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Кенҷаев Шуҳратҷон Юсуфович – декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар муассисаи таълимии таҳсилоти олии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди тоҷикистон» (ш. Душанбе) таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 10-уми феврали соли 2026, соати 10:00 таъин карда шавад.

Қарор қабул карда шуд: якдилона.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор **Муҳаммадиев И.С.**

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент **Қодирзода М.А.**